# НИЛУФАР

# ЗАХМИ СӮЗОН

Душанбе
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5

Нилуфар. Захми сӯзон. – Душанбе, 2010, 108 саҳ.

# БА ҶОИ ПЕШГУФТОР

Нилуфар хеле барвақт ба сурудани шеър ва иншои қиссаву ҳикоятҳо сар карда буд. Аммо чун ба корҳои давлативу ҷамъиятӣ пардохт, ба эҷодиёти худ чандон таваҷҷӯҳ зоҳир накард. Бо вуҷуди ин чанд китобу очеркҳояш ба табъ расиданд, ҷо-ҷо шеърҳояш чоп мешуданд, таронаҳояш дар маҳфилҳо садо медоданд.

Ман дастхати ин маҷмӯаро хондаму хурсанд шудам, ки Нилуфар боз ба он тӯҳфаи илоҳӣ - илҳоми саршораш рӯ оварда, навиштаҳои парешонашро ҷамъоварӣ кардааст. Шеърҳояш давоми таронаҳо ва таронаҳояш идомаи шеъри ӯянд. Суханаш пурсӯз ва самимист. Ба дили хонанда зуд роҳ ёфта, маҳрами рози ӯ мегардад. Ин махсусият яке аз шартҳои бисёр муҳими кори эҷодист.

Умед дорем, ки «Захми сӯзон» ба табъи хонадагони сахтгир хуш меояд ва дар осмони хаёлашон то дер шаъшаапошӣ мекунад.

*Гулназар*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

РАҲНАМОИ ОЯНДА

Лаҳзаҳои гирудори мову ман,
Хуни мардон рехт дар хоки ватан.
Сарварам, бо қудрату мардонагӣ,
Ҳомие гаштӣ ба халқи хештан.

Ақли солимро ба кор андохтӣ,
Дӯстиву душманӣ бишнохтӣ,
Нек донам тоҷдори миллатӣ,
Парчами тоҷик баланд афрохтӣ.

Аз сари он мизи такдири Ватан,
Чанд гаштӣ бо ҳарифон ҳамсухан.
Ҳадяи поянда аз роҳи умед,
Сулҳ овардӣ, ба халқи хештан.

Аз сари он анҷуманҳои баланд,
Мезадӣ ҳарфи баланду судманд.
Эътиқод оварда бар ҳар як сухан,
Давлати моро зи ту бишнохтанд.

Аз ту арвоҳи ниёгон шод гашт,
То ватан аз кулфате озод гашт.
Раҳбари мо, ҳимматат омад баланд,
Хонадони поки дил обод гашт.

Раҳбари миллат, шараф ёри ту бод,
Рӯҳи аҷдодон, мададгори ту бод,
Дар ҳама душворӣ моро ёварӣ,
Ҳимматат исботи ҳар кори ту бод!

Тоҷикистони азизам, сарварам,
Меҳри покатро, ба дилҳо мебарам!
Парчами Сомониён бардоштӣ,
Зинда бош эй раҳнамову раҳбарам

## ЭЪТИҚОД

«То даме халқам парешон аст, ман
Ҳастам он ҷисме - надорад ҷон ба тан.
Меҳанамро пок созам, то расад
Охирин фарди фирорӣ бар Ватан..»

Ваъдаҳоят як ба як ичро намудӣ,
Меҳри худ дар қалби мардум ҷо намудӣ.
Гавҳари мақсуд рӯи каф гирифта,
Сулҳи ҷовидон ба халқ эҳдо намудӣ.

## ТОҶИКИСТОНАМ

Ранг гирад рӯзгори тираам,
Чун бигирам раҳ ба сӯят, эй ватан.
Мепарам озод чун кабки ҳилол,
Ман надорам бим аз зоғу заған.
Мекашад ёди ту ҳамвора маро,
Сӯи марзу сӯи халқи бебаҳо.
Эй ватан як пораи қалби манӣ,
Ман намесозам доманат раҳо,
Модарам ҳастӣ ба ҳар ҷо доимо!

*Қрим, соли 1987*

## ЗАХМИ СӮЗОН

Дар дарёе ки саропо шӯру шар буд,
Дар диёре ки ҳама аҳли ҳунар буд,

Мардумонаш он қадар озода буданд,
К-аз муҳаббат гӯӣ чун дилдода буданд.

Духтаронаш чун ғизолон масту зебою сарафроз,
Ҳамчу кабки кӯҳсорон дар баландӣ карда парвоз.

Навҷавонаш ҳамчу Фарҳоди таҳамтан кӯҳкан буд,
Тухми душманро ҳама вақт решакан буд.

Сад занони зарбдораш номбардори Ватан буданд,
Ҳар куҷое ки нарафтанд зеби садҳо анҷуман буданд.

Мӯйсафедонаш насиҳатгӯи мо як умр буданд,
Дар нигоҳам он қадар маҳтобвор хушрӯй буданд.

Дар нигоҳи модаронаш ҷустуҷӯи модарамро дорам ҳанӯз,
Лек медонам намеёбам, мисоли модарам дилсӯзи дилсӯз.

Гар падар барвақт рафт моро зи сар ӯро надидам,
Лек меҳрашро ҳама вақт дар замир мепарваридам.

Ман калон гаштам худамро ёфтам дар зиндагонӣ,
Гар шикастам, боз пайвастам ба фикрам ҷовидонӣ.

Аз ватан рафтам ба таври ногаҳонӣ,
То кунун дорам ба қалби хештан доғи ниҳонӣ.

Ман натонам ин диламро канда рӯи даст гирам,
То ҳама хонандаи ман донанд аз дарди замирам.

Гарчи зебо ҳамсарам ҳаст, панҷ фарзанд дар барам ҳаст,
Дар замирам дард дорам, ки аз ӯ чашми тарам ҳаст.

Гарчи имрӯз давлатам ҳаст, мушкилоте ман надорам,
Дар дидори наздиконам зори зори зори зорам.

Бечизӣ мушкил набудаст, бекасӣ дарди гарон аст,
Захми сӯзоне аз ин дард, дар дили ман ҷовидон аст.

Дигар дарде, ки имрӯз ҷони ман бар дард меорад,
Чу бинам ҳамватанро ашки ғам дар дидаҳо дорад.

Гарчи солҳоест, ман надидам ҳам Ватан ҳам ҳамватан аз пеш,
Вале меҳри дуро мепарварам ман дар замири хеш.

Дар ин шаҳри калон гоҳе дучорам боз меоянд
Харобу лоғаранду заъфаронӣ рангҳо доранд.

Ба худ мепечам аз дарду саволам бе ҷавоб аст,
Магар дар мулки ҷони ман ба мардумҳо азобе ҳаст.

Куҷо шуд тинҷии дирӯз, ки имрӯз нодоранд,
Ҳазорон дард дар дил бар ғарибиҳо сафар доранд.

Занони гулрую модари хушрӯ чӣ ҳол доранд,
Ҳама ин дарду ҳасратро чи гуна дар канор доранд?

Куҷо он мӯйсафедони дуогӯю насиҳатгӯ,
Чӣ бошад ҳоли онҳою чи гуна чеҳраи хушрӯ?

Чанори садсола дар даруни деҳа чун бошад,
Ва ё ӯ низ аз ин ғамҳо якумрӣ сарнагун бошад?

Ба зери ин чанор мардони деҳа бо ривоятҳо
Ҷавононро ба роҳи рост мекарданд ҳидоятҳо.

Ҳама ин саргузашту ёдҳоро дар замир доранд
Ва гоҳе танҳоям ин ҳама бар ёд меорам.

Худоё! Бол мехоҳам парам сӯи бузургонам,
Куҷое набошам ҳастанд аз пуштам нигаҳбонам.

Аё модар! Ба гоҳе дар ғамам дар хоби ман ойӣ,
Ба сахтиам, ҳазорон мушкилоти ман бикшойӣ.

Рӯҳи ту сахт мададгор аст ба сахтиҳо, аё Модар!
Чу айёми ҷавониам сарамро мегирӣ дар бар.

Тавоне медиҳӣ бар ман, ки бар сахтиҳо зафар созам,
Дуое медиҳӣ бар ман, ки худ дур аз хатар созам.

Маро нодида рафтӣ, ман туро нодида мегирям,
Ҳама ин дарду ҳасратро ман аз ин хома мегирам.

Гаҳе дарди Ватан гирад маро, гоҳе ғами дӯстон,
Худоё! Қуввате бар хомаам, бинвисам ин достон.

## МЕХӮРАМ АФСӮС

Мехӯрам афсӯс, ки худ танҳои танҳоям,
Мехӯрам афсӯс, ки худ танҳои дунёям.
Мекунам ҷаҳде, ки ёбам аз барои худ,
Рӯшании роҳи фардоям.
Агарчанде ки танҳоям,
Агарчанде ки лабрези ҳама дарду аламҳоям.
Агарчи як гули пажмурдаи домони саҳроям.
Валекин пеши номардон,
Валекин пеши номардон
Гули раънову зебоям,
Агарчанде ки танҳоям.
Агарчанде ки танҳои тамоми фасли дунёям.
Ва месӯзад аз ин танҳоӣ якумре саропоям,
Намегӯям, ки танҳоям.
Агарчанде намешӣ ҷоми сабри умри фардоям.
Туӣ он бахти волоям,
Туӣ он бахти дунёям.
Ва ман андар тамоми зиндагонӣ бо хаёлоти ту зебоям,
Агарчанде ки танҳоям,
Агарчанде ки танҳои тамоми фасли дунёям,
Намегӯям, ки танҳоям,
Намегӯям, ки танҳоям.

## ҲАСРАТ

Самое қалби ман умре ғамолуде, ғамолуде,
Зи ғамхӯрдан дар ин дунё набуд суде, набуд суде.
Аё Яздони поки ман, бисӯхтам ман, бисӯхтам ман,
Ҳамин абре ки мебинӣ аз он дуде, аз он дуде.

Миёни ҳасрати хунин якумрӣ зору танҳоям,
Даруни кулбаи пурғам зи дард сӯзад саропоям.
Ҳама армони ту аст ин, аё МОдар, аё МОдар,
Тамоми умри худ Модар, ман акнун роҳ мепӯям.

Садоят боз меояд миёни пардаи шабҳо,
Ба хобам медаройӣ ту, басо зебо, басо зебо.
Вале Модар ҳама дидор ба хоб аст, на ба бедорӣ,
Чу бедор мешавам аз хоб, саре танҳо, саре танҳо.

Аё Модар, аё Модар, якумре зору танҳоям,
Ҳамехоҳам, ки гирӣ ту ба оғӯшат саропоям.
Дар ин дунёи пурғавғо, дар ин шебу фарозҳо,
Ҳамесӯзам, ҳамесӯзам, миёни бекасиҳоям.

## САБР

Зи сахтии дунёи ҷафокор
Шавад ҳар одами дилмурда бедор.
Аз ин пасту баландиҳои тақдир
Намирад одами бо нангу бо ор.

Чаро ки сабр доруи тани ӯст
Ва шукрона дуоюю ҷавшани ӯст.
Ҳазорон хизмати карда ба модар
Паноҳи ҷону роҳи роавшани ӯст.

Касеро сабр кардан пешаи ӯст
Ба оби раҳматаш тар решаи ӯст.
Азобашро бароҳат карда қисмат
Худо пайваста дар андешаи ӯст.

## ШУКРОНАБОРОН

Муборак рӯзи истиқлоли тоҷик,
Ҳумоюн, сулҳу истиқлоли тоҷик.
Худоё! Дар паноҳи худ нигаҳ дор,
Ҳама ин бахту ин иқболи тоҷик.

Ки худ мо мардуми меҳнатқаринем,
Ба дониш лоиқи сад офаринем.
Худоё! Ман зи даргоҳат бихоҳам
Ҳамеша рӯи истиқлол бинем.

Ҳама аз Юмни Раҳмон аст имрӯз,
Тамоми халқ хандон аст имрӯз.
Зи рӯи кулли тоҷик, ай Худоё!
Бубин шукронаборон аст имрӯз.

## БАҲОРИ ДАРВОЗ

Баҳорат пурнишот аст, пурнишот аст,
Баҳорат зебиши сад нав ҳаёт аст.

Баҳору кӯҳсоронат чи гӯям,
Гулу себаргазоронат чи гӯям.

Сафобахшанда ҷӯйҳоят пуробанд,
Оҳубараҳот дар изтиробанд.

Гулпӯш ҳама даҳру даманат,
Гулханда кунанд пиру ҷавонат.

Атлас ба бар гулдухтаронат,
Зебову латифанд ошиқонат.

Дарвоз диёри номдорам,
Дарвоз диёри шаҳдборам.

## ДУХТАРИ ОФТОБ

Ман туро ёфтаму дилшодам,
Аз бароят дарди дил бикшодам.

Нестам Нилуфари танҳо ман,
Зуд гир дар кафи худ, озодам.

Дӣ рафтам ба тамошои чаман,
Рози худ бар гӯши гулҳо додам.

Ман биёфтам он ки умре ҷустамаш,
То кунун ин роз махфӣ доштам.

Ай ҷавон, базме биорой кунун
Ва биншин паҳлӯи ман Шамшодам.

Соқиё ҷоми маро лабрез кун,
Ки дар ин базми тараб Гулшодам.

Дӯстон ташриф кунед бар хоки мо,
Дари дил баҳри Шумо бикшодам.

Аз само омад садо, аз офтоб,
Духтарам бар хизматат истодам.

Духтарам! Гӯӣ куҷост домодам,
То кунад халқ муборакбодам.

# АЁ САРВАР, НАВРӮЗ АСТ

(Ин шеърро ба шоири дарвозӣ маҳрум Сарварҷон Амирҷон мебахшам)

Ба дил гуфтам, ба наврӯзӣ равам,
пешвоз гирам навбаҳоронро,
Бичинам ёсуман, себаргаву гулҳои хандонро,
Дар ин Наврӯз зиёрат мекунам қабри шаҳидонро,
… вале афсӯс … зи фарсанге шунидам,
нолаи пурдарди сӯзонро.
Аҷаб коре, аҷаб коре,
шунидам ман дар ин Наврӯз
оҳи сарди инсонро.
Бидидам модаре гирён,
бидидам модаре нолон,
Бидидам модареро, гиряҳо дорад,
дар дил лахчаи сӯзон.
Ба рӯи хок хобида,
ба оғӯшаш кашидаст қабри фарзандаш,
Зи наврӯзӣ ба ӯ медод бо дарду алам пайғом,
Бихез ҷонам, ки Наврӯз аст,
бихез дар синаам дарди ҷигарсӯз аст,
Занад фарёди беохир…
шунидастӣ… шунидастӣ
Аё Сарвар, ки Наврӯз омадаст,
бар мулки дилбандам,
Магар дорӣ хабар,
ё ки назарҳо медиҳанд фандам.
Миёни мардуми Ёгед
биҷӯям ман туро Сарвар,
Куҷоӣ ту, куҷоӣ ту,
аё ҷону ҷигарбандам:

Кунун донистаам,
аз номуродӣ чархи каҷфарҷом,
Бирафтӣ ту якумрӣ аз бари мо Сарвари хушном,
Дар ин Наврӯз мепӯшам ба ҷоят ҷомаи идӣ.
Бигирам то ҳама армони ту
аз гардиши айём.
Аё Сарвар,
ки айёми баҳорон асту хомӯшӣ,
Миёни деҳаи Ёгед
фурӯ дар қабри гулпӯшӣ.
Намедонӣ, баҳорон омадаст,
саршори орзӯҳо.
Дар ин Наврӯз ту дар тан
ҷомаи умед намепӯшӣ,
Ҳама ҳамдеҳагон имрӯз
андар иди Наврӯзанд.
Барои рӯҳи аҷдодон
бидон оташ барафрӯзанд,
Барои қомати шеърат
зи гулҳо ҷома медӯзанд.
Ба ёди ту аё Сарвар
тамоми умр месӯзанд,
Аё Сарвар ман имрӯз омадам
аз баҳри наврӯзӣ.
Ба ашки шашқаторам мекунам
қабри ту гулдӯзӣ.
Бирезад қатра-қатра ашки ман
рӯи мазори ту,
Ки то гул қад кашад
аз оби дида, аз ҷигарсӯзӣ.
Аё Сарвар,
ки розҳои ниҳон дар сина рӯпӯшӣ,
Сари қабрат манам Сарвар
чаро хомӯшу хомӯшӣ.

Манам як ташналаб
дар гирудори шеъри дунёӣ,
Умеде доштам бинам туро,
панде ту бинмоӣ,
Ман оҳе мекашам аз дил,
сиришке мекунам хунин,
Туро нодидаам Сарвар,
якумрӣ ман аз ин ғамгин,
Бигӯ рози ниҳонатро,
Бигӯ дарди гаронатро.
Бигӯ армонҳои хуфтаи
дар дил ниҳонатро,
Шавам то ман давоми ту,
Давоми нотамоми ту.
Бигирам хомаатро,
то шавад ором рӯҳи ҷовидони ту.
Бихоб ором,
эй Сарвар,
Бихоб ором,
эй Сарвар,
Махӯр ғам бекасе монад
ин ҷо хомаву дафтар,
Манам он посбони хонаву
шеъри тарат Сарвар,
Набигзорам, ки дасте аз рақибон
баррасад бар он,
Сароям то садои ту расад
бар гӯши баҳру бар,
Бихоб ором,
бихоб ором,
Сари қабрат бихонам фотеҳа
аз номи ҳамдардон,
Бихонам фотеҳа бо лафзи ширин,
лафзи аҷдодон,

Бигирам рӯи каф дафтар,
Бигирам рӯи каф сафдар,
Ки он ҷо мисраҳои оташини туст,
Гузорам бар сари қабрат,
ки гардад ҳамчу як ахтар,
Бибурдам даст бар рӯям,
бибурдам даст бар рӯям,
Бигиред фотеҳа яксар,
«Худо огоҳу» нуристон кунад қабри ту, эй Сарвар!

## ЗИ НУРИ ҶАШНИ ТУ

*Барои Ш.Шоҳтемур*

Бихондам қиссаҳоятро,
саросар рӯзгорат пурҷафо будаст.
Ҳама дарду ҳама кулфат
ба рӯи халқи мо будаст.
Задӣ панҷа,
задӣ панҷа
Ба домони ҳақиқат,
то кашӣ бо худ.
Биёрӣ бар кафат он донаи мақсуд,
Гузашт кардӣ зи оташҳо,
Зи теғи нокасон сад бор,
Шавад то офтоби бахт
ба рӯи камбағал нурбор,
Дарахти дӯстиро ту
Шинондӣ тозаи бехор,
Кунун дар синаи мулкат
Якумрӣ гаштааст пурбор,
Зи теғи нокасон, гар ту
ҷавониро видоъ кардӣ,
Барои ҳамдиёронат
ҳаёти хуш ато кардӣ,
Аз ин рӯ дар дили халқат
шудӣ як шӯълаи тобон.
Ва имрӯз сарзамини ту
Зи нури ҷашни ту «Эй офтоби инқилобӣ»
гаштааст рахшон.

## НАХЛИ БИШКАСТА

Зи дасти нокасе
бахту умедат гашт сарбаста,
Шудӣ дар шоҳроҳи зиндагонӣ
нахли бишкаста.
Куҷо орӣ ба даст он домани поку муборакро,
Шудаст сад бори нангине
кунун дар гарданат баста.
Куҷо он қудрате,
меҳри дигарро бар забон орӣ.
Куҷо рӯе,
барои дигаре ин қалб биспорӣ.
Наяст ин қалб,
наяст ин қалб.
Бори нангу номус аст,
Кабӯтарбачае буду
кунун аз бол озурд аст.
Надорад қудрати парвоз,
афсурдаст.
Бимонад яккаву танҳо,
канори шаҳри пурғавғо.
Барои қалби номарде,
дили номард биспурдаст.

## ХАТИ МУРОД

Ҷоми шароби васламу
нӯши ман орзӯи ту.
Дар ду ҷаҳон намешавам
сери висоли рӯи ту.
Кош қаламкаши ҷаҳон хати мурод баркашад
ба сӯи он канори атрбӯи ту.
Нигоҳи ман бичӯяд он
нигоҳи пуршарри ту.
Сиришки шодиям барад
зи рухсор ғубори ту.
Вуҷуди кӯчакам ба худ
тавони тоза бар гирифт
Зи гармии ҳарорати
канори меҳрбори ту.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, эй замини нозанин,
Меҳри ту дар хонаи дил сокин аст.
Ишқи ман аз марзаат сар мекашад,
Шӯъла ҳамчун нури ховар мекашад.

Кӯҳсоронат ба чашмам дилрабост,
Мисли кӯҳистонӣ духтарҳои ту.
Навҷавонони ту зеби кишваранд,
Мешавам сархам ба модарҳои ту.

Хомаам дар васфи ту оҷиз бувад,
Шеъри ман дар пеши ту ночиз бувад.
Пас, чи сон тасвир созам бо сухан,
Чун сухан бе санъати ҳофиз бувад.

МУҲАББАТ

Муҳаббат ахтару дил осмон аст,
Муҳаббат ганчу дил гӯё ки кон аст.
Дили беишқ зулматхона бошад,
Дили ошиқ дили аҳли ҷаҳон аст,

Муҳаббат дар ниҳодаш шӯр дорад,
Муҳаббат дар замираш зӯр дорад.
Гаҳе бо тори қалби мо ҳамоҳанг,
Гаҳе ӯ нағмаи ноҷӯр дорад.

Муҳаббат ахтари шабзиндадор аст,
Самои қалби моро шӯълабор аст.
Чӣ гӯям ҳарф аз боби муҳаббат,
Гаму дардаш ба олам бешумор аст.

## ДУР АЗ ВАТАН

Масква боре намудам ман сафар,
Мулки зебо дур мемонд аз назар.
Сад гузашта ёд карда ҳар замон,
Кишварамро мешудам пазмонтар,
Ёд кардам кӯҳсорони варо.
Боғу гулгашти шукуфони варо
Чун бидидам модареро пеши роҳ,
Ёд кадам, модаро, чашмони пазмони туро.
Ашкҳои вақти рухсат,
                    аз сари рухсора ғалтони туро.
Лек ҳар ҷое равам, ҷон Модарам!
Дури дур афтам зи марзи кишварам,
Дон, ки якумрӣ бигӯям ин сухан:
Ман ба бӯи Тоҷикистон зиндаам,
Ман бароят, модари ҷон, зиндаам.

ДАРВОЗ

Чор кӯҳи баланду барҳавои Дарвоз,
Як пора замини пурсахои Дарвоз.
Гардидаву дидаам тамоми олам,
Андар назарам ягона ҷойи Дарвоз,

Дарвоз, ту ганҷи шоҳвори ватанӣ,
Дарвоз, макони булбулони суханӣ,
Ғарчи биравам дур аз ин мулки азиз,
Дар ёди ману ёди ману ёди манӣ.

Ман садқа шавам ҷумла бузургони туро
Ман садқа зиёратгаҳи Эшони туро,
Ман хоки туро ба дидаҳо мемолам,
Ман садқа шавам мардии имони туро.

Дарвози азиз, маҳви ҳар санги туам,
Сармрст зи чашмаҳои гулранги туам.
Он Нилуфарам, ки да заминат рустам,
Бишнос маро, ки ҳайкали нанги туам.

## ГАДОЗАН

Раҳ гирифта ман ба сӯи хонаам,
Баъди ташвишҳову кори рӯзгор.
Боз болои ғамам ғам зам шавад,
Чун гадое мешавад манро дучор.

Тифлакаш парпеч андар ҷандае,
Дар сари раҳ модаре зору низор,
Гуфт бар ман: хайр кун, эй хоҳарам,
То худо бахшад туро авҷу барор.

Додам ӯро як-ду суми киссаам,
Гуфтам: эй хоҳар, ба тифлат кун нигоҳ.
Нони хӯрдан нест андар хони ту,
Аз куҷо ёбӣ ту дармони варо.

Дигаре бигзашту зан ҳиммат бихост,
Ӯ накард аммо ба сӯи зан нигоҳ.
Бо ғаму ҳасрат дуо кард он замон,
Гуфт: бандонад дари ризқат Худо.

Гуфтам: ай хоҳар, баро, коре бикун,
То биёбӣ нони тифлат бемалол.
Кор агар ёбӣ мувофиқ баҳри худ.
Зиндагӣ бошад гуворою ҳалол.

Орзу дорам, ки ҳар тоҷикзане
Соҳиби илму фаросатҳо шавад.
Ҳамчу зан дар арсаи ин мамлакат
Сарбаланду оқилу зебо шавад.

*Хуҷанд. Тобистони соли 2002*

## РУ БА ДАРГОҲИ ХУДО

Оҳ, эй бори Худоё,
Аз кучоянд ин ҳама рӯзони шум,
Ки фақат дар пеши дида, зиндагӣ
Обастан асту дард мезояд ба мардум?
Халқи тоҷики парешон,
Дар диёри мардуми бегона раҳгум.
Халқи тоҷик дар диёри худ гадо ҳаст,
ӯ гадои бенаво аст.
Дар чунин рӯзгори сахт,
мӯҳтоҷи як лутфи худо аст.
Хонаи тоҷик чу як мотамсаро ҳаст,
Модари тоҷик аз ин дарду алам,
Рӯ ба даргоҳи Худо ҳаст,
Оҳ, эй Парвардигорам!
Роҳи эмину наҷоташ дар куҷо ҳаст?!

*1992. ш. Маскав*

## АҶАБ ДАВРЕ

Аҷаб давре, ки дидам хору зорӣ,
Намонда меҳри ёру луфту ёрӣ.

Ҳамон ёре, ки бо ҳам об хӯрдем,
Кунун сӯям назар дорад ба хорӣ.

Ҳазорон бор меомад ба сӯям,
Дилаш бо гиряҳо мекард холӣ.

Агар бори ғаме омад ба дӯшаш,
Шудам гирён чу борони баҳорӣ.

Ғамашро чун ғами худ мегирифтам,
Ба болои ғамонам рӯйборӣ.

Намеояд ба даргоҳам дигар ӯ
Бисӯзам ман зи дарди интизорӣ.

Ду дастам сӯи гардунҳо, бигӯям:
Худовандо! Аз ин бадтар надорӣ!

## МАРО БАХШО

Барои ишқи ту сад бор мирам,
Ба ҷони хаставу афгор мирам.
Бубахшоям, бубахшо, гар тавонӣ
Ки зери сад гуноҳам зор мирам.

САҒИР НАЯМ

Ки маро гуфт, сағирам дар даҳр,
Тоҷикистон падару модари ман.

Рӯдҳояш ҳамагӣ хоҳари ман
Кӯҳҳояш ҳамагӣ додари ман

Кӣ маро гуфт, ки афтодаву зор?
Дар канори Ватан афтодагӣ нест.

Сарбаланд аст кунун ҳар фардаш,
Раҳбаре дораду беҷодагӣ нест.

Кӣ маро гуфт, ки беболу парам.
Дар сарам ҳаст ливои Ватанам

Ки парафшон бувад аз шӯҳрати халқ,
Ки мадор аст ба аъзои танам.

Кӣ маро гуфт, ки бечора манам?
Давлатам – давлати фардобари ман,

Сидқи Эмомалии Раҳмонам,
Ҳама дунёст кунун дар бари ман.

## МУСОФИР

Мусофир ҳар кучҷое дида дӯзад,
Нигоҳи ошно ҷӯяд бари худ,
Нигоҳи сарди мардум дида сӯзад
Тамоми пайкараш бедуд, бедуд,

Ҳама умраш мусофир дарк созад
Табассумҳои маснӯъии мардум.
Кадомин дасти меҳраш менавозад?
Мурувват гашта дар шаҳраш кунун гум.

Ҳикоятҳои Юсуф ёдам ояд,
Тамоми ҳасраташ хоки Ватан буд.
Зи дил сад нолаву фарёдаш омад,
Мисоли булбуле ачо аз чаман буд.

## ПОКДОМАН

Манам он гандуме дар шохаҳои хеш ҳайронам,
Кучҷои дасти умедам, ки ман аз хеш ғалтонам.

Агар афтам, парешонам, парешонам, парешонам,
Ту медонӣ, ки андар хирмани ишқи ту сӯзонам.

Ту медонӣ, чаро пас мебари рашк аз рақибонам,
Зи ишқи пурмуаммои ту ҳайронам, ки ҳайронам.

Машав ғофил, ки холиям, ба пешат як гули хандон,
Равам аз даст якумрӣ ба қалбат доғ мемонам.

Набошӣ толиби ман ҳам ва ишқамро нахоҳӣ гар,
Вале Яздон медонад, ки поку покдомонам.

## ДАРДИ ТАНҲОӢ

Рӯзи идам,
Рӯзи тавлидам.
Ҳеҷ дӯсте
            даст назад бар дастаки дарвозаам.
Танҳо будам,
Заъфаронӣ ранг доштам,
Ғарқи андеша,
Бо дили саршори озор.
Ашкрезон,
Ба бахти бемурувват
Ҷанг доштам.
Шарфаи по шуд аз пушти дарам.
Бо умеди ноумеде
Сар аз рӯи даст бардоштам.
Ҳамсоядухтар
            даромад аз дарам –
Ай Нилуфар!
Бубахш баҳри нафаҳмидан,
Иди тавлидат муборак!
Ӯ ҳамоно дарк карда
Ки зи танҳоӣ дар ин рӯз
Саропо доғу дардам.
Сухан бо тарзи шӯхӣ бурду гуфт
Шод бошу
            пушти сар кун,
Чашм пӯш аз ин ҳама дарду алам,
            дарди танҳоӣ.
Рӯзи тавлидат муборак!
Зи номи он
            фаромӯшхотирон
(Мардони бепарво)

Муборакбодии манро
Қабул фармо
Агарчи мондаӣ танҳо.
Бош бепарво,
Ки меоянд
пушаймон бар хариди мо
Ҳамон мардони бепарво.

## БАРОЯТ САБР МЕХОҲАМ

Ту будӣ бар сафар,
эй ҷони хоҳар,
Бимурд фарзандат,
фарзандат надидӣ.
Роҳи ӯ дар сафар
гардид маҳкам,
Бимурд ҷону ҷигарбандат надидӣ.
Зи ғамҳот синаи ман дар фиғон аст,
Алобе дар танам бар ҷои ҷон аст.

Фалак раҳме накард бар ҷони танҳот,
Ту боз кардӣ сафар, модар надидӣ.
Ду чашми ӯ ба роҳат ҷон супорид,
Зади оҳ, синаи дунё даридӣ.
Зи ғамҳот синаи ман дар фиғон аст,
Алобе бар танам бар ҷои ҷон аст.

Ҳамин дунё, ки зистем ҷони хоҳар,
Мусофирхонаест бар мардуми даҳр.
Дар ин дунёи пур аз ҳасрату ғам
Бароят сабр хоҳам ҷони хоҳар.
Зи ғамҳот синаи ман дар фиғон аст,
Алобе бар танам бар ҷои ҷон аст.

## АЙ ГУГУШАМ

Ҳар нимашаб
танҳо равам
бар канори бистари нарму хамӯшам,
Миёни ҷойгаҳи танҳо
Зи дарди ҷонхароши ишқ
Шароби ҳасрату андӯҳ менӯшам.
Ягона ғамбарори ман
Дар ин шабҳои танҳоӣ
Садои
духтари танҳову пурандӯҳи Ирон аст,
Гугушам
Мезанад бар тори дил нохун
бо дили саршори озор.
Ҳамехонад
сурудҳои пур аз дарди
Муҳаббат,
Ҳақиқат.
Зиндагӣ носозгор,
Рӯзгори тираву тор.
Ай Гугушам,
Аз ҳама дардат, ки болои ғаму дардам
Руборад,
Мадҳушам. Мадҳушам.
Агар хостам
аз садоят лаҳзае ором ёбам,
Нагардидаст сабук бори ғам аз дӯшам.
Ҳама ғамҳои ту
Ҳамроҳ бо ғамҳои худ
Карданд рӯпӯшам,
Дар канори бистари танҳо.
То дамидӣ субҳ,

Бехушам, бехушам.
Рӯз чодир бар кашид бар деҳаам,
Зи ҷойгоҳи намоз
Омад.
Каломимом бар гӯшам,
Садои «Аллоҳу Акбар»-и ӯ
Овард бар ҳушам,
Бар ҳушам.

## ДАР ЁДИ ТУ

*Ба ёди устоди зиндаёд Лоиқ Шерали*

Фарёд зи дасти марги ногаҳ, фарёд,
Фарёд, ки умри дӯстро барҳам дод.
Донӣ, ки чи кард бо ҳаёти шоир
Дарде, ки худо даруни қалбаш бниҳод?

Дар ёди рухаш ҳамешагӣ гирёнем,
Дар базму тараб ба ҷои ӯ хандонем
Ҳар гоҳ ба некӣ номаш оранд ба ёд,
Аз дарди фироқ дида хунборонем.

Аз ҳазли хушаш лаби ҳама хандон буд.
Аз гулсуханаш дили ҳама шодон буд.
Рӯзе, ки бирафт аз ҷаҳони пурдард,
Ҳар хурду калон зи дида хунафшон буд.

## ДАРЁ

Лаби дарё нишастам,
Ба шӯхиҳои амвоҷаш назар бастам,
Зи обаш ташнагияро шикастам.
Зи ҳар як нағмаи орому пурмаънои он сӯхтам,
Назар бар мавҷҳо дӯхтам,
Дили дарё хурӯшон асту ҷӯшон аст,
Миёни мавҷҳо сад нағма гирён аст.
Агар ту бо дили пурмеҳр шинӣ дар лаби дарё,
Бифаҳмӣ нағмаҳои бас хуши дарёи пурғавғо.
Чи ором асту ботамкин,
Ба ёд дорад гузашти умри инсонро,
Гаҳе бошад басе бадкин, ки дунёро
Ҳамехоҳад ба қаъри худ кашад
                    чун аждари бадкин.
Аҷаб дарё, замоне боз мегардад
Басе орому хушово
Аҷаб дарё,
Аҷаб дарё,
Нахушкад соҳилаш асло.

## ШАБЕ БО ХОМА ТАНҲО

Нишастам ман шабе танҳои танҳо,
Ба ёди ту, ба номи ту сари шеър.
Даруни пардаи шаб рӯз кардам,
Бишуд пур бо хаёлат дафтари шеър.

Ту бошӣ дар хаёли моҳи дигар,
Маро дар гӯшаи дил ҷо надодӣ.
Шунидам, ки назар нокарда рафтӣ,
Ба дигар кас дари дилро кушодӣ.

Вале дар ишқи ту подорам умре,
Зи ҳиҷронат, бидон, беморам умре,
Ҳамин доғе, ки мондӣ дар дили ман,
Нишоне аз муҳаббат дорам умре.

## ХУДАМРО ШОД МЕГИРАМ

Дилам ҳар шаб хаметаркад
Зи дарду доғи танҳоӣ.
Дилам ҳар шаб ҳаметаркад
Зи ранҷу ҷабри раҳпоӣ.
Аҷаб қисмат маро зору хазин карда
Дар ин дунё пурсавдо,
Аҷаб қисмат маро як гӯшашин карда
Гаҳе гирям ба ҳоли хеш
Чу абри навбаҳороне,
Ки шӯяд он сарпоям
Мисоли ашки бороне,
Вале пеши рақибон хандаҳоям бин,
Ки аз ман нест хушбахттар.
Худамро шод мегирам ҳамеша,
Ки манро нест дар дунё каму ғам.
Вале, эй ёри аз дарди ман огоҳ,
Агар сарпӯшаи дилро кушоям,
Бубин сар мезанад зардобаи ғам....

## НАЁ ФАРДО

Кучҳо мегурезӣ, з-оташи ишқи саропосӯз,
Биё монанди Фарҳоде аз ин пайроҳаҳо бигзар.
Бичӯй аз торҳои қалби ман оҳанги қалби худ,
Биё шерона бар сӯям агар дорӣ зи худ бовар.

Ту, ки имрӯз дар ман сад гуноҳеро раво бинӣ,
Бидон! Ки баъди маргам покиямро дарк месозӣ.
Наё он лаҳзае ки қалби ман дар синаи хок аст,
Биё имрӯз то дар зиндагӣ бошам зи ту розӣ.

Сари қабрам ту мерезӣ сиришки дарду ҳасратро,
Дигар аз ашки ту ҳамчун гули ҳасрат намесабзам.
Агар садҳо гули орзӯ саре аз хок бардоранд,
Дигар чун оташи Зардушти исёнгар намесабзам.

Ба сони шӯълаи хуршед намешад ҳар тараф барчош
Ҳама дарду алам дар осмони хандаҳои ман.
Садоят мерасад аз дур пур аз ғуссаву андӯҳ,
Ҷавобест бар садои хандаҳои ман.

Надонам лаҳзаи маргам дуре ҳаст ё наздик,
Вале аз дасти қисмат нест дар дунё паногоҳе.
Ягон рӯзе бояд сар гузорем дар дили ин хок,
Ба паҳлӯи ҳама фарди худогоҳу худохоҳе.

Ман имрӯз бо сухан бояд туро огоҳ бинмоям,
Туро бо дил бишносаму дилро ба чашми нам,
Наё фардо сари хокам, нарез сад ашки ҳасратро,
Ба ҳаққи ғуссаҳои ман, маро имрӯз бишав ҳамдам.

## СУРУДИ ҶОВИДОН БУВАД

Дар шаби ситорабор,
миёни ин ситораҳо,
Ба ёди меҳру
ишқи поки ту нахуфтаам.
Ба рӯи коғази сафед
зи ишқи пуршарори ту,
Бубин, ки мисра гуфтаам,
Канори ин шаби сиёҳ,
Канори сабзаву гиёҳ.
Садои булбулон гувоҳ,
Ба ёдат мисра гуфтаам.
Ба чашми ҷоншикори ту,
Ба ишқи бебарори ту,
Барои он муҳаббатам,
Бидон, ки мисра гуфтаам.
Ҳама ранҷу азоби ту,
Ширинии муҳаббатам.
Агарчи байни мардумон,
Канори буғзу ғайбатам.
Надорам ман ҳаросе,
Гар муҳаббат аст мақсадам.
Ягона ғамбарори ман,
Ҳамин ҳамин муҳаббатам.
Ба рӯи коғаз оварад,
Ҳама дарду ғами дилам.
Ба ман чу ёваре бувад,
Кунад осон мушкилам.
Як умр хомаи ширин,
Ки ҳаст сарвари дилам.
Агарчи мисра гуфтаам,
Тамоми шаб нахуфтаам.

Агарчи дур суфтаам,
Барои ташнагони ишқ.
Чизе, чизе нагуфтаам.
Кунун шеъри кучакам
Зи дасти ман нишонае
    барои ташнагон бувад.
Барои ташнагони ишқ
    суруди ҷовидон бувад.

## МЕСИТОЯМ

Меситоям насли неке,
К-ӯ ба халқи хеш умре созгор аст.

Меситоям он писар, ки дар дили ӯ
Меҳри модар пойдор аст.

Меситоям меҳмоне баъди хӯрдан
Пораи нон посдор аст.

Меситоям ошиқе дар қалби ӯ
Як муҳаббат ҷойдор аст.

Меситоям родмардеро, ки баъди мурданаш
Номи некаш ёдгор аст.

## ГУНОҲ

Ғарқи гуноҳу боз ба худ тавба мекунам,
Аз он гунаҳ ба гардани худ шадда мекунам.
То ки бипӯшам он гуноҳи хешро даме,
Ҳар шом дар канори ту сад тавба мекунам.

Он тавбае, ки нест варо ҳеҷ эътиқод,
Он тавбае, ки нест варо софии ниҳод.
Ҳар рӯз гуфтам, айби худ иброз мекунам,
Лекин ҳаёт айби маро пеши ту кушод.

Он шаб, ки дар канори қарине буду гузашт,
Чун хотироти неку ғамине буду гузашт.
Он розҳо, ки дар дили шаб гашт нопадид,
Он ҷоми васл ҷоми ширине буду шикаст.

Ин буд он гуноҳи ман дар як шаби ҳаёт,
Ширин буду азиз чу як обаки набот.
Аз он гуноҳи шаҳд умедам зиёд буд,
Қисмат валек домани бахташ ба даст надод.

## МЕТАРСАМ

Шикваҳо аз рӯзгорат
Баҳри ман панде набошад,
Ишқи ту бо дигаре дон!
Баҳри ман фанде набошад
Талх созӣ шаҳди васлат,
                        лек ҷуз қанде набошад,
Ҳар азобат мекашам ман,
                        гарчи даҳчанде набошад,
Лек метарсам ҳама ин боз ҷуз фанде набошад,
Аз ҳамон фанде, ки кардам,
Хешро расвои дунё.

# ХУДО ДОНАД

Аҷаб нури нигоҳе, қалби ман оташ ҳамегирад,
Бисӯзад, хок гардад, пеши он нури нигоҳ мирад.
Касе инро намебинад,
Касе инро намедонад.
Яқин аст, чашми бадхоҳон ба сӯи ишқи мо кӯр аст.
Вале чашми Худо биност,
Мебинад,
Мебинад,
Ки қалби мо ҳамехоҳад якҷоя,
Намехоҳад ӯ ғамро.
Намехоҳад дури дар фироқу чашми пурнамро,
Худо яктост,
Худо яктост.
Нигоҳи ту агарчи сӯзон аст, баҳри ман зебост.
Барои қалби ман яктост,
Барои ман ҳама дунёст.
Агар дунё намедонад, ки медонад,
Аз он чашмони оҳувонаву абрӯи пайваста
Саропо меҳр мерезад ба роҳи ман,
Касе инро намебинад,
Касе инро намедонад,
Фақат танҳо Худо донад,
Худои раҳнамо донад,
Худои ишқи мо донад.

## ИНСОН

Худоё! Дар дили инсон
чи гапҳое, чи гапҳое!
Худоё! Дар сари инсон
чи савдое, чи савдое!
Зи ҳар сахтӣ, зи ҳар кулфат,
зи ҳар сахтӣ, зи ҳар заҳмат,
Ки месӯзад дар ин дунё
саропое, саропое.
Ваё, ки қисматаш шӯр аст,
замона ё, ки ноҷӯр аст,
Намебинад азоби умр,
магар чашми фалак кӯр аст?
Худоё! Худ кунӣ осон
ҳамавақт мушкилоти кас,
Намон, ки инсон шавад мӯҳтоҷ
миёни ҳар касу нокас.
Ба сахтиҳо гар инсон аст,
умедаш бар ину он аст,
Ба ҳар ҳоле, ки бошад ӯ
Худовандаш нигаҳбон аст.
Худовандаш нигаҳбон аст,
ки ӯ халқ кардаи он аст.

ЁДГОР

Маро ишқи ту қодир кард,
Маро ишқи ту шоир кард.
Бисӯзонд аз шӯъои худ,
Қалам дар даст соҳир кард.
То нависам сирри ин дили кабоб
То нависам бар ҳақиқатҳо ҷавоб.
То нависам розҳои фаромӯшро
Сарнавишти ин дили дар ҷӯшро.
Сирри ман дар сина хомӯш аст ҳанӯз
Рози ман дар сина рӯпӯш аст ҳанӯз.
Шудам шоир ман аз сӯзи муҳаббат,
Шудам шоир ба дунёи садоқат.
Ҳақиқатро ман имрӯзам қодир
Наям аз духтарони зери чодир.
Ки меҳрам мурда гардад дар замирам,
Каниз буданд тамоми умр ба хона,
Миёни чор девор дилхунона,
Зи зӯри орзую ғам бимирам.
Манам як духтари озод имрӯз.
Парам бар сӯи коинот имрӯз.
Шудем андар тамоми ҷабҳа ҳоким,
Хирадмандему доноему олим.
Ҳама давр эътибори худ бидорем,
Ки мо аз Оли Сомон ёдгорем.

ШАБИ ШИРИН

Ту яхи умеди манро об кардӣ,
Нахли хушки ҳастиам шодоб кардӣ.
Он шабе, ки аз тамоми умр ширин буд,
Тӯҳфаам ин давлати ноёб кардӣ.

Дарк кардам, ки кунун аз ту ҷудоӣ нест,
Баски дилро ҳам тавони роҳпоӣ нест.
Ҷуз зиёи ҷовидони офтоби ишқ
Дар раҳи фардои ман як рӯшноӣ нест.

## КАЛИДИ БАХТ

«Дар дили шабҳо дилам гум мезанад»
Меравам бар кӯи андеша,
Савори он саманди орзӯҳо.
Лек ин шаҳр аст торику
Саманди бодпои мақсади ман
Оҳ, раҳгум мезанад.
Равшание пеши раҳ эҳсос бинмуду
Самандам роҳ сӯи кишвари умед бигрифт,
Сад баланду пастии қисмат ниҳону
Сад калиди ганҷи дунёро ба каф бигрифт,
Лек натвонист як дам ёфтан
Ӯ калиди бахти гумноми маро

## ҲАМДАРД

*Барои Назриддини Неъматулло*
*овозхони ансамбли «Дарё»*

Садои булбуловозат,
Зудоянд занги дилҳоро,
Забони нуктапардозат
Кунад хуш хотири моро.

Ба гоҳе бишнавам созат,
Ба роҳат гард мегардам.
Шавам ҷӯру ҳамовозат,
Ба ту ҳамдард мегардам.

Аҷаб сози ту ҷонбахш аст,
Шавад бар сӯзи дил марҳам.
Аҷаб созат равонбахш аст.
Дилу ҷонро кунад хуррам.

Ту зеби тасвири мӯӣ
Вале бошад қалам оҷиз.
Ту зеби сад таманноӣ
Вале бошад сухан ночиз.

## ИШҚ

Ишқ андар дил шарорест,
Оташи он синасӯз аст.
Синаамро гарм созад,
Оташи он ҷонфурӯз аст.

Ишқи беолоиши ту
Доруи дил доруи ҷон.
Ахтари рахшанда бошад
Он маро дар роҳи армон.

Ишқи покат зинда дорад
Ёди ширини диламро.
Нек бинам бахти худро
Бо ту танҳо, бо ту танҳо.

## ҲАСРАТҲО

Ҳайфи умри гул баринам, бе туву танҳо гузашт,
Оҳи ман монанди ханҷар аз дили шабҳо гузашт.
Дар миёни пардаи шаб, ман дар оғӯши дигар,
Ки дил ӯро намехоҳад, ба ҳасратҳо гузашт.

## ҶАВОНӢ ДАР ҲАМА ДУНЁ ШУКУФТА

Ҷавонӣ ҳусни инсон аст, ёрон,
Шукуфад чун гули фасли баҳорон.
Ҷавонӣ сарбаландӣ мепазирад.
Мисоли қуллаҳои кӯҳсорон.

Ҷавонӣ дар дили дунё нуҳуфта,
Миёни атри боронҳост хуфта,
Гаҳе борон, гоҳ ҳастем хуршед,
Ҷавонӣ дар ҳама дунё шукуфта.

Баҳорон боди анбарбез гардад,
Навои ҷӯи резорез гардад.
Даруни синаи тангу ҷавонам
Муҳаббат захри шаҳдомез гардад.

# МУҲАББАТАМ ХУДОИ МАН

Зи дури дурҳо шунав,
Муҳаббатам Худои ман.
Зи дури дурҳо шунав,
Суруди хушсадои ман.

Суруди ман чу турнае
Парида рафт сӯи ту.
Зи ҳар канори беканор
Намуд ҷустуҷӯи ту.

Суруди ман як ахтарест,
Дар осмони қалби ман,
Ба ғайри он сарои пок
Надорад он дигар ватан.

Намеравад, намеравад
Суруди дил чу номае,
Ба ҳар касе, ки бошад ӯ
Кабутари дубомае.

## ШӮЪЛАИ МУҲАББАТ

Эй, шӯълаи муборакy пурмеҳри орзу,
К-аз қуллаҳои кӯҳи баланд орамидаӣ.
Дар марзҳои кӯчаки ин қалби беқарор,
Шабҳои беканор, гули истора чидаӣ.

Андак канори қалби бас орому бесадо,
Меҳре ато кардаву бо сархамидаӣ,
Андар канори ин дили аз ишқ бехабар,
Як ишқи поку соф, чу дурдона чидаӣ.

Қалби пуризтиробу чу кӯҳ устувораи ман,
Боре надида буд, чунин ишқи оташин.
Ман дар каломи ишқи аввал, рост меравам,
Ки қатраи муҳаббатаму бо ту ҳамнишин.

Ман қатраи муҳаббатаму аз кароматаш,
Боре нигаҳ ба сӯи дигар дил наафканам.
Ӯро азизу пок барам то қиёматаш,
Ман қалби хеш бишканаму ишқ нашканам.

# СӮҲБАТИ КӮТОҲИ ГУЛ

Гулаки наврустаро кардам назора ин саҳар,
Бо ҳазорон орзӯҳо муғчаашро боз кард.
Шабнаме болои ӯ афтод, бар рӯи замин,
Муғчаҳои дигареро дидаву овоз кард.
Мо гули наврустаему бори аввал форамем,
То кунем мо зиндагӣ бо модари худ навбаҳор.
Баъди чанде ҳамчу гарде мо бирезем бар замин,
Тухми моро бисабзонанд, аз мо ёдгор.
Сӯҳбати кӯтоҳи гул андар дилам шӯре фиканд,
Ёд кардам ман зи нокомии садҳо навҷавон.
Ҳайфи умре ҳамчу гул кӯтоҳ дар марзи умед,
Бо дили пурорзӯ гиранд роҳи охирон.
Мехурам афсӯсу меафтам миёни фикри худ,
Қасд мехоҳам зи марги беамон.
Мерасад бар мо як оҳе ҷонгудоз,
Лек бар кавнаш бувад дарди гарон.
Мехурам афсӯси Фурӯғ, чунки ноком рафт ӯ.
Ман ғаме дорам зи марзаш дар дили ӯ киштаҳост.
Ку касе, имрӯз аз бахри савоб обаш диҳад?
Обёрӣ карданаш имрӯз айни муддаост.

МАН НЕСТАМ ОНЕ БУДАМ

Боз омадам ба кӯи ту,
бори дигар ту бингарам,
Ту сарвари сари манӣ,
мабод сари бесарварам,
То дар бадан ҷони ман аст,
зи пушти ту раҳсипарам,
Ҳаргиз намехоҳам бувад
бегона марде сарварам.
Меҳри ту дар умқи дил
чун гавҳаре мепарварам,
Аз меҳри ту дар зиндагӣ
кохи умед меофарам.
Дар кунҷи он улфат кунам,
аз баски бе бому дарам,
То ки надонад душмане
аз ишқи ту дарбадарам,
Боз омадам ба кӯи ту,
гир дар канору дар барам,
Дигар нахоҳам лаҳзае
бе ту ба дунё бингарам.
Бо  омадам ба кӯи ту,
бингар ба рухсори тарам,
Ман нестам оне будам,
Ман дигарам,
ман дигарам,
Ман,
гули наврустаи Нилуфарам.

НАДОРӢ ФИКР

Ба чашмонат шарори ишқи ман, умре фурӯзон аст,
Ба чашмонат нигоҳ дорам, нигоҳат оҳи сӯзон аст.

Маро дидӣ кунун дар нимароҳи зиндагии хеш,
Гумон кардӣ, ки ишқу ошиқӣ якумр осон аст.

Ба чашмони ҳавасбинат маро акнун харидорӣ,
Ту мегӯӣ бари ман, аз само истора меорӣ.

Дар ин лаҳза надорӣ фикр, ту аз зиндагии хкш,
Маро бигзор бар ҳолам, бирав, ту соҳиби он бахти бедорӣ.

## ГИРИФТОРАМ

Биё, эй бахти бедорам,
Биё, эй ошиқи зорам.
Туро бо он ҳама айбат
Ба ҷону дил харидорам,

Харидорам,харидорам.
Ба дил ишқи туро дорам,
Зи ҳиҷрони ту беморам,
Магар чашми дилат кӯр аст?

Намебинӣ вафо дорам,
Вафодорам, вафодорам.
Ба марзи қалби ғамборам,
Зи меҳрат донаҳо корам.

Гузорад реша дар қалбам,
Туро умре гирифторам,
Гирифторам, гирифторам.

## ХАНДАИ МАН ХАНДАИ МАСТОНА НЕСТ

Хандаи ман хандаи мастона нест,
Хандаи ман оҳу фарёди дил аст.
Гарчи хандон аст рухи ман,
Рӯи дил борони ғам,
Хандаи ман хандаи беҳосил аст.
Гарчи пеши дӯсту душман намоям чеҳра шод,
Хандаи манро набошад лек шодӣ дар ниҳод.
Хандаи ман хандаи мастона нест,
Хандаи ман оҳу фарёди дил аст.

# ПОРАИ ҶОН

Саропои ту
Меҳру лутфу эҳсон аст,
Тапиши ишқи ту дар синаи ман
Мисоли бозии ҷон аст.
Ва гоҳи дидани ту,
Кашида дар канору сар ба зонуят
                    ниҳодан хоҳиши ҷон аст.
Миёни бозувони оҳанинат
                    пайкари нарму латифи ман
Ҳама Панҷи хурӯшон аст.
Бихоҳам нарм созӣ, гарм созӣ
То бидонам дар канорат пайкарам
Лаъли Бадахшон аст
Ва меҳри ту даруни қалби
Ман чун чашмаи ҷон аст.
Ва ишқи ту чу оташпорае
Дар қаъри он умре фурӯзон аст,
Сӯзон аст.

# ШАҲИД

*Ба ёди профессор С. Абдуллоев*

Шаҳид гаштиву ҷойи ту аён аст,
Канори равзаи ризвон макон аст.
На ҳар кас ҷой дар он ҷой дорад.
Ки ҷаннат ҷой бар озодагон аст.

## ЭЙ ДӮСТИ ҶОН

*(Ёде аз Ҷумъахон Ҳотамӣ)*

Ҳамеша ман бароят, дӯст, мотам гираму гирам.
Бароят, дӯст, дар як лаҳзае сад бор ман мирам.

Бирафтӣ аз ҷаҳон, садҳо умеду орзу дар дил,
Аламҳои туро акнун зи хома гираму гирам.

Ҷавон будӣ, ҷавон рафтӣ, зи дунё ногаҳон рафтӣ,
Зи сахтиҳо натарсидӣ, ба пеши душманон рафтӣ

Дилат месӯхт баҳри миллатат, эй родмарди ман,
Ҳамин мардонагият буд, зи дунё қаҳрамон рафтӣ,

Фақат як акси зебоят нишон дар хонадони мо,
Бубинам дар ҳамон сурат аҷаб хандон лабони мо,

Кунун ашкам бари рухсору ин бошад таманоям,
Шавад ҷоят биҳишт, эй Ҷумъахон, эй ёри ғамҳоям.

## ШАҲРИ МАН

Шаҳри ман! Пайванди ҷонат ҷони ман,
Дар заминат сабз гашт армони ман.
Меҳри ту хун гашт дар шарёни ман,
Гар Бадахшон буд оғозам.
Хуҷанд анҷоми ман.

## ШАБИ ШОИР

Шаби шоир
Шаби дарди гарон аст,

Шаби шоир
Ғаму дарди ҷаҳон аст.

Шаби шоир
Давоми умри Хайём,

Шаби шоир
Давоми нотамом аст.

Шаби шоир
Шаби шеъру тарона.
Шаби розу ниёзи шоирона.

## ПУШАЙМОНӢ

Дар дашти сӯзони ҳаёт,
Бардору дав, бардору дав.
Як лаҳзаи шодӣ набуд
Ғайри бисӯзад дар алав.

Буд ёри ман як занмисол,
Ӯро ба сар садҳо хаёл
Номардро мардӣ кунам,
Ин мардиям бошад ҳалол.

Ӯ зору ман безори ӯ,
Дар синаам озори ӯ.
Бошад пушаймон баъд аз ин,
Суде надорад кори ӯ.

## ИЛТИҶО

Мегурезам аз нигоҳи мардуми бесарпано,
Мегурезам аз нигоҳи мардуми зору гадо.

Мехӯрам сад дарду ҳасрат, ки надорам қудрате,
Мекунам ман рӯ ба даргоҳи Худо,

Кош чун Ҳотам ҳазорон моли дунё доштам,
То ба пеши ин гадоён ҳамчу гандум коштам.

Шод мекардам ҳама бечораи тоҷикро,
Дарду ҳасратро зи дил як лаҳза мебардоштам.

То ки бегона набинад зории тоҷикро,
То ки бегона набинад хории тоҷикро.

Он, ки мехоҳад бубинад ранҷҳои халқро,
Ӯ бигӯяд ҳар куҷо беории тоҷикро.

Ҳайф, ин қудрат, ки дар ман нест, эй бори Худо
Мехӯрам ҳамроҳашон ғамҳои халқи бенаво,

Ман ягона қудрате дорам бигӯям бар шумо,
Илтиҷо дорам ҳама инро зи даргоҳи Худо.

*1993, шаҳри Москав.*

САРНАВИШТ

Чун ба дунё омадӣ.кӯдак найӣ,
Дар бағал дорӣ китобе,
Ҳаст номаш Сарнавишт.
Рузи тавлидат варақгардон шавад,
Як ба як ҳар рӯзи умрат аз қафои ту
Туро чӯён шавад
З-ин сабаб гарди бузургу дарк созӣ,
ки ҳар он чи гуфт
Ин китоби Сарнавишт, Қисмати ту он шавад.
З-ин сабаб ту такя месоз
Бар Худову розӣ шав бар қисмате, ки додааст,
Нест аз қисмат туро ҷои фирор,
Дӯстам дар ёд дор,
Дар ёд дор!

# ГУМГАШТА

Набошад бори ширин бори дунё,
Ҳамеша мекашам озори дунё.
Тӯӣ қимматтарин гумгашта давлат
Канори ман тиҳӣ баҳрат, ту боз о.

Канори ман бишуд гар ҷои дигар,
Зи дӯзах аз бароям гашт бадтар.
Барои ин канори сарду холӣ,
Бикардам хешро маҷбур яксар,

Саропо сӯхтаи, хокистарам ман,
Зи дасти зиндагонӣ абтарам ман.
Иноят кун ба ман як зарра меҳрат,
Гадоям, мурғи беболу парам ман.

## МАНАМ ҒОЛИБ

Манам Гурдофариде
дар ҷаҳони ишқ,
Ҳамонам, ки
савори Рахши Рустам боз меоям.
Агарчанде занам,
мардонапайкар Рахш ронам
дар замини ишқ.
Туро дар рамзгоҳи ишқ
мепоям.
Биё, ба ту ман месупорам
Рахши Рустамро
Мани танҳо,
Пиёда роҳ мегирам ба сӯи размгоҳи ишқ.
Вале ту номадӣ!
Чаро кардӣ фирор аз ин набардгоҳ,
Худо донист,
Ту мағлубӣ,
Надорӣ қудрате, то Рахши Рустамро
ҷилав гирӣ андар корзори ишқ,
Ту мағлубӣ,
манам ғолиб.
Қомуси мардона дар тан
Бо вуҷуди Рустамона
Рахш меронам,
Миёни корзори ишқи ту
Эй мард,
Эй марди фирорӣ,
Куҷо дори фирор,
Ту мағлубӣ,
Ту маҳбусӣ,
Дар зиндони ишқи ман,
Манам ғолиб!

РОНДАШУДА

Аевад бинмудӣ роҳи умрам,
Музмар зи ман нигор дорӣ.
Ин дил, ки чу залом сиёҳ аст,
Пас чи талаби ҳазор дорӣ.

Ангора бимонда ишқи аввал,
Тангтоб шуда зи ишқи дигар.
Оташ ба дил бигардӣ олам,
Ай рондашуда аз дари дилбар.

Гуфтӣ, ки манон дидаи ту,
Тақбил намуда пушти дастам.
Тоғун, ба ман чи роз гӯӣ,
На дилбарӣ ту, дигар кас ҳастам.

Ман комуси худ дигар намудам,
Ман рӯю танам зи сар намудам.
Заргом шуда, зи дарди марде,
Ман марди худа, зи сар намудам.

Ман хулла ба тан намуда имрӯз,
Ба сӯи чаман раҳ гирам.
Дар рӯзи наву насими Наврӯз
Кофиз зи нав ба даст гирам.

---

Аёват – сиёҳ.
Музмар – пинҳон
Залом – торикӣ
Ангора – нотамом
Тангтоб – беқувват, заиф

Таш – оташ
Манонм – хоб дидан
Такбил – бӯсидан
Тоғун – иблис, шайтон
Комис – пираҳан
Заргом – шер
Хулла – ҷома
Кофиз – паймона

## ҶОВИДОН

Ҳамехоҳам барот шеъре нависам,
Ки монандаш дар ин дунё набошад.
Ҳамехоҳам барот меҳре бубахшам,
Муҳаббат хонаба савдо набошад.

Муҳаббат хонаба нархҳо гарон аст,
Зи меҳри пок, ҳеҷ парво набошад.
Дар ин бозор, ки ҷои сар сарон аст,
Матои ишқ дар савдо набошад.

Биё бозори қалбам сайр бинмо,
Ки ҷои меҳри ту ин ҷо аён аст.
Якумрӣ дар дили ман хона дорӣ,
Бинои ишқи ту то ҷовидон аст.

ГИЛА

Ба ман ҷабру ҷафо кардӣ чӣ дидӣ,
Дилам обу адо кардӣ чӣ дидӣ.
Ту шайдои рухи дигар бигашта,
Ба ӯ ҷонат фидо кардӣ чӣ дидӣ?

Бале дар бораат фикрам хато рафт,
Чу як истора ба авҷи само рафт.
Дило, беҳуда кардӣ ошноӣ,
Ба оне, ки зи ту ноошно рафт.

Азизам зодаи ин кӯҳсорӣ,
Намезебад туро ноустуворӣ.
Пас аз ин боядат омӯхт омӯхт,
Зи кӯҳҳои Бадахшон бурдборӣ.

## БИГӮ

Зи байни баднигоҳу бадгуҳарҳо,
Зи байни кинаву теғи назарҳо,
Туро меҷӯям ман аз кишвари ишқ,
Аҷаб гумгаштаи эй ишқи пайдо.

Туро ҷӯям зи ҳар кунҷу канора,
Туро ҷӯям зи шоми пурситора.
Маро мебинию медонӣ дардам.
Бигӯ! Ту аз куҷо дорӣ назора?

ШОИР

Маро ин ишқ дилгир кард,
Маро ин ишқ шоир кард.
Бисӯзонд дар шуъои худ,
Қалам дар даст занҷир кард.

То нависам сирри ин дили кабоб,
То нависам бар ҳақиқатҳо ҷавоб.
То нависам розҳои хомӯшро,
Сарнавишти ин дили дар ҷӯшро.

Сӯзи ман дар сина хомӯш аст ҳанӯз,
Рози ман дар сина рӯпӯш аст ҳанӯз.
Шудам шоир аз сӯзи муҳаббат,
Шудам шоир дар роҳи ҳақиқат.

Ҳақиқатро ман имрӯзам қодир,
Наям аз духтарони зери чодир.
Ки меҳрам мурда гардад дар замирам,
Зи зӯри орзӯб ғам бимирам.

Каниз буданд тамоми умр ба хона,
Миёни чор девор дилхунона.
Чи хуш, мо як зани озод имрӯз,
Парем бар сӯи коинот имрӯз.

Шудем андар тамоми ҷабҳа ҳоким,
Хирадмандему доноем олим.
Занем ҷавлон дар ҳар кору меҳнат,
Занем ҷавлон дар роҳи ҳақиқат.

Шудем озоду нерӯманди даврон,
Тамоми умр бошем шоду хандон.
Бидонед! Эй азизон дили шоир,
Ки дар роҳи муҳаббат аст қодир.

Зи сӯзи он қалам бар даст гирифтам,
Ба зӯрии муҳаббат гашта қоил.

## ДАВОМИ НОТАМОМ

*Барои шоири шаҳиди Дарвозӣ – Баҳрин*

Эй рафтагони аз ёд,
Эй рафтагони ношод.
Мондед аз бари мо
Чанд пораҳои абёт.

Лекин куҷост имрӯз
Фарёди қалби зоре,
То баҳри ин бузургон
Анҷом пазирад коре.

Хезад зи қаҳри дилҳо
Имрӯз сад каломе,
Мо баҳри Баҳрин ҳастем
Давоми нотавоне.

Не, ин гапест муаллақ
Монад миёни дунё.
Чунки накардем имрӯз
Баҳраш сарое пайдо.

Аз шеъри ин бузургон
То наёбем нишоне,
Ҳаргиз намегардем мо
Давоми нотамоме.

Бояд давом бидҳем
Сад шеъри нотамомаш.
ояд зинда созем
Дал дилҳо каломаш.

Аз баҳри Баҳрин имрӯз
Сад ҷону дил фидо аст.
Аммо садои аслаш
То ҳол бесадо аст.

## САВТУ НАВОЯТ ЗИНДА АСТ

*Барои Борбад*

Аз олами асри куҳан
Ояд ба гӯши дил садо.
Оҳанги қалби Борбад
Аз байн гум шуд гӯиё.

На, ин садои бехатост,
Чун зинда сози Борбад.
Байни ҳаводорони ӯ
Поянда сози Борбад.

Гӯё навои Борбад
Дар синаи ӯ мурд мурд,
Не, не садояш зиндаст,
Бо худ ба ҷуз як дард бурд.

Табли ватанхоҳӣ задӣ
Бо чангу ноят Борбад.
Дар санъати хунёгарӣ
Мо ҳамсадоят Борбад.

Андар дили ман ҷо гирифт
Меҳри зиёдат, Борбад.
Бо шеъри тар созам мудом
Мо ёду ёдат Борбад.

## ПАЙМОНИ УМР

Туӣ савганди ман, паймони умри ман,
Туӣ гулғунчаи хандони умри ман.

Туӣ, ки дар ҷаҳони бекарон озод мегардам,
Туӣ он кавкаби рахшони умри ман.

Чаро! Аз байни мардум чашми ман танҳо туро кобад,
Чаро, бо сад умеду ноумедиҳо туро ёбад.

Вале ту бо ҳамин хорию зорӣ боз безорӣ,
Чаро истораи меҳрам ба рӯи ту наметобад.

Чаро дар роҳи ишқи худ, маро ғамнок бинмудӣ,
Чаро рафтӣ зи дида ҷой дар афлок бинмудӣ.

Ту рафтӣ пеши дилдорат ба сӯи дуриҳои дур,
Гули умеди қалбамро ба зери хок бинмудӣ.

## БИРАВ

Бирав аз мардуми чашми сиёҳам,
Дигар баҳри ту маъвое надорад.

Дар ин бозори бе меҳрии дунё
Дигар баҳри ту савдое надорад.

Умед аз ноумедиям зиёд аст,
Зи марди бохирад парво надорам.

Тамоми ҳастиро бар ӯ бубахшам
Агар чи ҷавҳар аз тилло надорам.

Намехоҳам ба фанд ором ба доме,
Ки қалби ман ҳама тори гуноҳ аст.

Худат бо худ бин дар зиндагонӣ
Магар, ки одамӣ беиштибоҳ аст?

Агарчи фанд кардам пеши чашм,
Бубин боз зиндагиям пурнишот аст.

Аз ин баъд бар ӯ бахшам шаҳди умрам,
Ҳаёти ӯ барои ман ҳаёт аст.

## АЗ КӮТАҲИИ БАҲОРИ ХУД ҒАМНОКАМ

Аз кӯрдилию чашми бади кинагарон
Кай гардад сабз гулшани армонам.

Гар шеър барояд аз умқи дили ман,
Бо ханда зананд санг бар дандонам.

Гаҳ ханда зананд ба қалби бишкастаи ман,
Гаҳ кач нигаранд ба дидаи намнокам.

Ғамгин наям зи кинаи кинагарон,
«Аз кӯтаҳии баҳори худ ғамнокам».

## ХУДОЁ ПОК БИНМО МАРЗИ ТОҶИК

Оҳ, ки имрӯз
Пеши чашми кулли олам,
Рӯи тоҷик гард дорад.

Оҳ, ки имрӯз
Ҷони тоҷик, зи ноҳақ рехтани хуни бародар
Дард дорад.

Оҳ, ки имрӯз
Модаре аз марги фарзанд
Мекашад фарёди дардолуду
Оҳи сард дорад.

О. ки имрӯз
Чеҳраи зебову сабзи ин замини тоҷикон
Зи дасти ноҷавонмардони миллат
Чеҳраи зард дорад.

Оҳ, ки имрӯз
Боз садҳо гӯри нав пайдо шуд андар марзи тоҷик.

Сабукбор рафтаанд
Онҳо шаҳидонанд,
Замин медонад,
Андар синаи худ, мард дорад.

Оҳ, ай бори Худоё,
Пок бинмо марзи тоҷик,
Зи шоҳони беандеша,
Зи номардони хунпеша,
Ҳамон сон, ки намонад зи наслаш
Заррае реша.

*Маскав, тобистони соли 1992.*

## МАШАВ НАВМЕД

Ба ёдат ҳаст он бегоҳ,
Будем мо як даме ҳамроҳ.
Ҳамон рӯзе ки мо ба ҳам
Нишастем дар сари чорроҳ.

Гусели ту намудам ман,
Бидон, бо дидаи пурнам.
Агар чанде нафаҳмидӣ,
Дили ман буд кони ғам.

Ҳамон шаб то саҳар будам ғамгин,
Бо худ мепечидам чун мори захмин.
Чаро ман ваъдаҳои хом додам,
Сарам монанди кӯҳе гашта вазнин.

Бишуд рӯз он шаби бас мушкили ман,
Нагардид ҳеҷ хурсанд ин дили ман.
Бимон он ваъдаи хом ҳамчу доғе
Якумрӣ андар ин умри дили ман.

Пагоҳӣ, чун ту хайри сард кардӣ,
Дили пурмеҳрро пурдард кардӣ.
Нафаҳмидӣ магар, ки чорае нест,
Ду рухсорам зи ҳиҷрат зард кардӣ.

Бидон! Ки зиндагӣ он асту ин аст,
Ҳама пасту баландиаш ҳамин аст.
Агар дорӣ ту меҳри софу тоза,
Ҳамин ранҷу азобаш ҳам ширин аст.

Машав навмед мебош бурдборе,
Бикун сабрро ба худ ҷонам шиоре.
Ки навмедӣ бувад ин кори шайтон,
Паси ҳар шом худ дорад баҳоре.

## НАХОҲАМ ДИГАРЕ

Ҷони ман дар тобу тобу кӯи ту дур асту дур,
Ташнаи оғӯшату бо ҳоли зор истодаам.

Баҳри чи дурӣ гузинӣ ту дар ин умри чу барқ,
Ҳар даму соат ба роҳат чашчор истодаам.

Ман, ки мӯҳтоҷи туям, зору гирифтори туям,
Дасти меҳрат бар сарам кун, ҷони ман имони ман.

Меҳӯрам савганд ба Яздон, ки нахоҳам дигаре,
То қиёмат хоҳамат, гирандаи домони ман.

## САД РУБОӢ

Боз-о баҳори пурсахои Ватанам,
Ман чашм зи рӯи дилрабоят наканам.
Сармаст ман имрӯз зи ҳавои хуши ту,
Гӯё, ки туӣ модари ин ҷону танам.

Боз-о, ки баҳори умри ман мегузарад,
Бин, умр ба ман чи пуралам менигарад.
Умре, ки ба ӯ ман накардам вафо,
Нокарда хабар раҳи худа месипарад.

Ҳарчанд гузарад умр вафо мемонад,
Сад доғ канори дили мо мемонад.
Ин дил зи дурият набудам ором,
Якумр хомӯшу бесадо мемонад.

Эй ҷон, баҳоре дар зимистони манӣ,
Эй ҷону ҷигар, дидаи рахшони манӣ.
Мардум, ки аз омади баҳор шодӣ кунанд,
Дон! Дар ҳама фасл ту баҳорони манӣ.

Эй ғунчаи бодом туӣ паёми баҳор,
Имрӯз шукуфтаи канори шахсор.
Умре ту надидаву хазон мегардӣ,
Чун ғунчаи ишқи ман ад райёми баҳор.

Офтоб шавам нур ба рӯят резам,
Ман бод шавам ба бӯи ту омезам.
Ман ҷӯй шудам, гир ба ду дасти умед,
Дар рӯяки зебот ду-се бор резам.

Чун чашми чапам парад ту наздам ой,
Дар меҳру навозишат чи беҳамтой.
Якумр нигаҳбонӣ кунам чашми чапам,
З-он, ки чун парад ту назди ман меой.

Дар мӯи сарам сафедиҳо афтидаст,
Ин чеҳраи зард аз ишқ кулфат дидаст.
Хӯрда ғами талх дам назадам пеши касе,
Сар то қадамам риштаи ғам печидаст.

Эй нилуфарӣ, нилуфарӣ, нилуфарӣ,
Зеборуху сабз либосу монанди парӣ.
Ҳар гоҳ зи тангкӯчаи мо мегузарӣ,
Бурда ҳуши мо, дигар тараф менигарӣ.

Ту бачаи сабзинаи зебои диёр,
Ман Нилуфару шудаӣ ба ман ошиқи зор.
Шабҳои дароз ба ёди ман бедорӣ,
Кай расад шабе маро ту гири канор.

Ман кабк шудам қақра задам дар бомат,
Ту дом гузоштӣ афтидам дар домат.
Рӯзе гирифтӣ маро рӯи кафи даст,
Тӯтӣ шудаму ногаҳ гирифтам номат.

Саҳро мерам, ки ту бари ман ҳастӣ,
Дар миёни лолазор кардем мастӣ.
Гуфт: ки бипӯш чашму маро ин ҷо каб.
Фанд кардию кокулма ба наргис бастӣ.

Дар боғ нигаҳ ба нилуфарҳо кардӣ,
Дар чеҳраашон рӯи ма пайдо кардӣ.
Гуфтӣ, ки канам Нилуфареро бари ту,
Хораш чу халид, зи ман ту даъво кардӣ.

Боронаки майда-майда, ки мебора,
Ин лаҳза ба ту, заб гардишум мефора.
Гуфтӣ, ки аҷаб ҳавои лаззатбахше,
О, борони баҳор бӯи муҳаббат дора.

Гуфтӣ барии ман Нилуфари зебоям,
Маҷнуни ту овора дар ин саҳроям.
Гуфтам ҳаргиз гадо нашав дар ишқам,
Ту шоҳи манӣ, ман пеши ту гадоям.

Чандон шиштем, шом шуду шаб омад боз,
Гуфтам мерам, гуфтӣ марав, роҳ дароз.
Ман то дами субҳ нуҳуфтаҳои дил гуфтам,
Лабҳои маро ба бӯса бастӣ аз роз.

Дарвозидухтар садқаи холи бари рӯт,
Ман омадам бар суроғи ту аз Намрут.
Як бор нигоҳ ба гӯшаи чашмат кун,
Ман садқа шавум рӯи базебе некут.

Дар баҳорон ҳадя овардӣ ба ман,
Чанбаре худ сар ба сар аз ёсуман.
Дар сарам онро гузошта менамуди илтиҷо,
Нилуфарҷон деҳ Худоё баҳри ман.

Дар роҳи ишқ дил гадои бенавост,
Чун ғарибе зери дарбори шумост.
Ёд меорӣ ягон рӯз аз ғариб,
«Об агар сад пора гардад боз бо ҳам ошност».

Гуфтӣ ба лабон кунӣ чӣ такрор,
Гуфтам: Бихон зи чашми ман ёр.
Гӯӣ, ки зи ҳар дарду ғамии даҳр,
Бошад Худо туро нигаҳдор.

Хоҳам ки сар ба кӯҳу бар пушта кунам,
Дар даст гирифта ин дила кушта кунам.
Бар гӯши ма мехонд ҳамин номусу нанг,
Аз ин корат ту душмана хушта кунӣ.

Бо ишқи ту ман пок зи дунё мерам,
Бахти дигари ман сари танҳо мерам.
Пеш аз маргум биё сари болини ман,
Меҳри ту ба дил, қаҳрӣ зи дунё мерам.

Ман бода дар умр баҳри ту кай овардум,
Дар ҷони дилам, кунун май овардум.
То ки бинавози ғаму дарди маро,
Аз хоки вуҷуд сохта най овардум.

Ду чашми ман ҳамешагӣ бар сӯи дар аст,
Шояд, ки зи пеши дар туро як гузар аст.
Овозе агар ояд, дил гӯя. – Гӯш кун,
Шояд зи гумгаштаи ту як хабар аст.

Аз роҳаки дур пеши мулло омадаям,
Бемори ғамум, баҳри даво омадаям.
Гуфтанд давои ту кунад ибни фалон.
Ӯ, ки будаст, пеши шумо омадаям.

Он ровии хушсухан ба ман мефорад,
Ки як суханаш ҳазор маъно дорад.
Ҳар бор зи боби ишқ гӯяд сухане
Гӯё зи лабаш шаҳду шакар меборад.

Саропои адаб, эй ишқи ҷон,
Саропои ту илм, шаъни кӯҳистон.
Саманди орзӯям дар шитоб аст,
Туро он мебарад то мулки ормон.

Эй бачаи тоҷик, саломат мегӯм,
Бо лафзи дарӣ, ба эҳтиромат мегӯм.
Баргуфт: Чи гуфтӣ ҷон, ки нашнидум?
Як умр ҳаёти бардавомут мегӯм.

Эй бачаи тоҷик, аҷаб хушсуханӣ,
Зебандаву дилрабо дар ин анҷуманӣ.
Ту ҳарф занӣ бо лафзи ширини дарӣ,
Донам, ки нишони аҳду авлоди манӣ.

Хуш омадаӣ бар диёри зебо,
Эй дӯсти гиромию азизи дили мо.
Хуш омадаӣ дар интизорем ҳама,
Ҷоят ба чашм асту маконат дили мо.

Пироҳани шодиро фалак чок намуд,
Ин қалби ҳамеша шода ғамнок намуд.
Сад ғунчаи орзӯ ба дил парвардам,
Як сол нагузашту сар ба сар хок намуд.

Ин сина маризу хунчакон аст имрӯз,
Аз сӯзиши сина дард ба ҷон аст имрӯз.
Ин дил, ки ҳамеша шод зи дидоре буд,
Бемору заифу нотавон аст имрӯз.

Садбарги сафед будам зи ғам зард шудам,
Дар сина ғами даҳр пурдард шудам.
Ғамҳои ҷаҳон ҳамеша ҳамроҳи мананд,
Бо ғам пухтам у оқибат мард шудам.

Аҷаб даврони ғам ҳамдӯши мо шуд,
Гарон сӯи ҳақиқат гӯши мо шуд.
Ҳама качкориҳои кардаи мо,
Биёмад аз само рӯпӯши мо шуд.

Аҷаб имрӯз Ватан бе сарбон аст,
Зи ҳар як гӯшааш сад кас кашон аст.
Надорад мақсаде ҷуз хуни ноҳақ,
Ҳаёти одамӣ рӯ бар хазон аст.

Аҷаб мансабталошон кор карданд,
Ватанро бепару бебор карданд.
Ҳамин мулке, ки буд машҳури дунё,
Ба пеши кулли олам хор карданд.

Аҷаб даврон зи ҷо ноҷост,
Аҷаб даврони хунполост.
Падар аз дасти фарзандаш бинолад,
Худоё, ҳурмати модар-падар кост.

Шабон ман бар само дорам назора,
Бигӯянд, ҳар касе дорад ситора.
Бихӯрд бар чашми ман историа тоқ,
Худоё, дар паноҳи худ бидора.

Зи садҳо ноумеди пурумедам,
Биовард аз само чуғзе навидам:
Ту хушбахтӣ! Шунав, эй духтари роз.
Худо! Бахшо ба ман бахти сафедам.

Бисӯзад ин дилам бар мурчаи роҳ,
Агар ӯ зери по гардад ногоҳ.
Якумр дӯст дорам бандаеро,
Ки ӯ бошад худогоҳу худохоҳ.

Эй ғунчаи бодом! Дар ин айни саҳар
Тарзе биканам туро нарезад як пар.
Ин ғунча занам ба кокулони дилбар,
Зеро, ки манам барои ӯ ҷону ҷигар.

Бо куртаи сабз заъфаронут дидум,
Аз дарди фироқ сӯхтаҷонут дидум.
Гуфтам бор гӯ дарди дилат ёри азиз,
Розат, ки нагуфтӣ, ман зи ту ранҷидум.

Бо кулфату дард намудаӣ нобудам,
Дар дашти ғамат фитодаву бехудам.
Дар зиндагиям наомадӣ дӯстӣ азиз,
Баъд аз мурдан наё, надорад судам.

Ту кардӣ гузар зи паҳлӯ чун боди сабо,
Як бор напурсидӣ чи аҳволи шумо.
Ман медонам, зи ҷон дӯст дорӣ маро,
Як бор бигӯ рост, ту дониву Худо.

Ту роз ба ман бигӯ, ки роздонат ман,
Ҳоли худ бикун баён, ки ҳолдонат ман.
Пинҳон макун меҳри мана аз худи ман,
Он шахси гирифта ҷой дар ҷонат ман.

Даҳонам қанд гузоштӣ, дар дилам фанд,
Ба ишқат бемурувват кардӣ побанд.
Хатоҳое, ки кардем дар ҷавонӣ,
Гуноҳ аз бандаву авф аз Худованд.

Сарам пурдарду гирдгардон гаштаст,
Маризи сина бедармон гаштаст.
Надидам дар раҳи ишқ ошиқи пок,
Раҳи ишқ роҳи бедардон гаштаст.

Сар то қадамам зи меҳри ту нур диҳад,
Ду чашми сарам зи ишқ дастур диҳад.
Ин пок вуҷуде, ки дорам дар ишқ,
Ин поки Худо ба ҷаннатин Ҳур диҳад.

Ишқи ту чу занҷире ба гардан бошад,
Мушкил зи ту ҷон дил кандан бошад.
Гуфтам бирам зи кӯи ту якумрӣ,
Ё қисмати ман дар ишқ сӯхтан бошад.

Осмон софу рӯи дилам борон аст,
Офтоб панаҳу қалби ман бирён аст.
Дилдода шуда ман надидам вафо,
Якумр магар сиришки ман резон аст.

Шабҳои дароз барии ман аст қарин,
Шабҳо ҳама шаб сар ба сарем дар долин.
Ҳар субҳ агар холӣ бубинам маҳлӯ,
Ҳарчанд хаёлат барии ман аст ширин.

Озод нигаҳ ба чашми ман кун ҷонам,
Чанд рӯз дар умқи дидаат меҳмонам.
Якумр муҳаббат бувад андар дили ман,
Ман рафта туро, пеши занат мемонам.

Ман ҳам зану фарзанди тура дӯст дорум,
Ман хоҳару пайванди тура дӯст дораум.
Модар бувад аз барои ман модари ту,
Аз баски якумр дар ишқи ту подорум.

Чандсола шудаст дарду алам дар дили ман,
Ҳайрон ки афсурда нагаштаст дили ман.
Оби чашмам ҳамеша дар рухсор аст,
Ё аз пӯлод Худо сириштаст гили ман.

Ҳар хандаи ман гиряе ном дорад,
Бар одами бедард вале мефорад.
Оне, ки хабар аз дили нošодаш нест,
Ҳар қаҳ-қаҳи ман барои ӯ завқ орад.

Ҷилаврез аспи масти ишқат имшаб,
Гузашт чун бод аз саҳрои ин дил.
Ғубори чанги дилро бар ҳаво кард,
Зи ишқат бемурувват нест ҳосил.

Чи хуб, ки ҷони ман пайванди ҷонат,
Ситораи меҳри ман дар осмонат.
Таманноям барои ту ҳамин аст,
Бимонӣ дар ҳаётам бе хиёнат.

Гузарам нардабони меҳри худро,
Бигирам дасти ту, бурой боло.
Наметарсем зи гапҳои бади даҳр,
Шавад машҳур ишқи мо ҳама ҷо.

Туро ман нури чашмон мекунам ёр,
Туро аз ғайр пинҳон мекунам ёр.
Наафтад чашми бад то ки ба рӯят,
Туро ман ҷой дар ҷон мекунам ёр.

Биафтид барги тирамоҳ ба рӯят,
Гирифтам то нагардад зард рӯят.
Зи даргоҳи Худо дорам таманно,
Бимонад чун баҳорон рӯю мӯят.

Дарвозияму кулли ҷаҳон дӯст дорам,
Мардони бамаънии замон дӯст дорам.
Ҳаргиз наравам ба сӯбати бемаънӣ,
Ман муштипарам, ҳаёву имон дорам.

Аё модар, ҳамеша шод бошӣ,
Зи банди ғуссаҳо озод бошӣ.
Набинӣ дарду доғеро ба олам,
Ҳамеша дар барам дилшод бошӣ.

Ту модар, шоҳсутуни ҷовидонӣ,
Барои ин ҷаҳониён ту ҷонӣ.
Аё модар, бидон! Ҳастӣ муқаддас,
Ба инсон қудрату зӯру тавонӣ.

Аё модар, ту бошӣ шоду хандон,
Дарой аз дарум шоду хиромон.
Шавад ин лаҳзаи дидори ширин,
Ду наргисам зи нури рӯт рахшон.

Гоҳ шодаму ношодаму гоҳе мастам,
Сӯзонда зи ишқ чу мӯ дар оташ ҳастам.
Дар сина алангаи алоб сӯхт рагу пай,
Месӯзаму бефиғону беғам астам.

Дарёяму дар синаи ту ҷо дорам,
Пурпечишу тоб ба ту ғавғо дорам.
Ишқам чу дуррест дар умқи дили ту,
Онро ба ту арзон, ма савдо дорам.

Се бор чи қар-қар намудӣ эй зоғ,
Шояд зи ғаме хабар овардӣ Калоғ.
Ту шум парандаӣ дар ин мулки вуҷуд,
Ҳеҷ гоҳ ту одама намесозӣ суроғ.

Дар пеш ба ман чаро якумр носозӣ,
Аз дурӣ ба сӯи ман нигоҳ месозӣ?
Ҳарчанд, ки дӯст ба ҷонат дорам,
Ин кори ту мекунад маро норозӣ.

Шабҳо ба ситора мерава афсӯсам,
Шабҳои дароз дарун дарун месӯзам.
Бо сӯзани оташину рангҳои танум,
Дар рӯи дилум нақши тура медӯзам.

Баҳри ман эй марди боору тамиз,
Дар муҳаббат аз ту даркор нест чиз.
Ман вафодори туям то умр ҳаст,
Номусу нангат ба ман бошад азиз.

Ман садқа шавум каманду абрӯи тура,
Ман садқа шавум чеҳраи дилҷӯи тура.
Дар хоби мани аз сари шаб то дами субҳ,
Ман садқа ҳама хислати некӯи тура.

Муҳаббат аз ҷавониҳо нишон аст,
Даруни синаҳо ӯро макон аст.
Касе андар муҳаббат пок бошад,
Нигаҳдораш Худои ломакон аст.

Саропо дар ғамат сӯхта кабобам,
Чу як лабташнае дар лаби обам.
Бигаштам ман биёбони висолаш,
Худоё қатраи обе наёбам.

Фидои қомати болобаландам,
Хуш он рӯзе, ки афти дар камандам.
Агар афтӣ, надорӣ ту гапи хуш.
Ба ғамҳои зиёд месозӣ бандам.

Ман он Нилуфареҷустӣ умрҳо,
Гузаштӣ аз барам сад бор танҳо.
Манам андар миёни сад ҳазор гул,
Кунун дарёб маро аз байни гулҳо.

Ду рухсорам зи ашки тар нам гашт,
Рухи ман заъфарон аз дарду ғам гашт.
Надидам роҳате дар умри кӯтоҳ,
Қади раъно зи бори ғам хам гашт.

Ҷудоӣ ин маризи захрнок аст,
Ки аз сӯзаш дили ошиқ чок аст.
Набинад доғи ин дарди бузургро,
Ҳамон насле, ки авлодаш зи хок аст.

Як бор надидем дар умр ҳиммати ту,
Дастам нарасид ба домани қисмати ту.
Азбаски надорӣ заррае меҳру вафо,
Бозе шудаву парид зи дил қимати ту.

Ман дӯст ҳама халқи ҷаҳон медорум,
Нотинҷии даҳр кардааст беморум.
Як лаҳза дил аз дарди ҷаҳон фориғ нест,
Бо фикру хаёл то дами субҳ бедорум.

Дар боғ даромадӣ бар меҳмонӣ,
Хостӣ, ки гули Нилуфар дар ҷайб монӣ.
Гаштӣ ту тамоми боғу нашнохтӣ маро,
Ман Нилуфарам намуди ман осмонӣ.

Як рӯз набинамут хаёлум солай,
Ду наргиси ман то ба субҳ бедорай.
Сад фикру хаёл мекунунм до дами субҳ,
Дар ёди ту ин дил ҳама шаб беморай.

Ногаҳ зи калки ман баромад хурӯш,
Аз дарду ғамат дарунам омад ба ҷӯш.
Эй духтари пурғам зи ту дорам зорӣ,
Ман ёри туям, ту ғамро бо шодӣ бикуш.

Себаргааму дар канори ҷӯ афтодам,
Зерам бикунеду нашнавед имдодам.
Ман хушрӯтар аз гулу надоранд азиз,
Эй бори Худо, бирас бар фарёдам.

Мехоҳам ба ҳар гадое асое бошум,
Бар он каси бекас муттакое бошум.
Он ка, ки маризу нотавоне бошад,
Пудина шуда ба ӯ давое бошум.

Ман сила кунун сари ғариби бекас,
Хоҳум ки намона дар ҷаҳон як нокас.
Ҳарчанд ки покем, гуноҳҳо дорем,
Эй бори Худо гуноҳи кардама бубахш.

Мусалмонзодагоне дар заминан,
Худовандо дигар хорӣ набинанд.
Худоё! Рӯзие деҳ баҳри онҳо,
Худоё! Мардумон бар ту қаринанд.

Агарчи ман чу садҳо дида гуфтам,
Даруни қалби касҳо дида гуфтам.
Аз ин пасту баландиҳо гузашта,
Ҷароҳатҳои дунё дида гуфтам.

Самои қалбро пуршӯр дидам,
Чу ростиро зи майдон дур дидам.
Шунидам ман садои ҳар дили зор,
Садои ҳар дила ноҷӯр дидам.

Диле, ки зору нолону асир аст,
Зи заҳматҳои дунё худ кафил аст.
Ба монанди дуои Модари зор,
Агарчи сахт аст, лек дергир аст.

Туро рӯзе миёни роҳ дидам,
Аҷаб, бо душмане ҳамроҳ дидам.
Наомад боварам бар ин ҳақиқат,
Чи шуд бар ту, туро гумроҳ дидам.

Аё, эй дил басо бар сар намудӣ,
Ҳазорон дардҳоро ҳал намудӣ.
Чу садҳо аҳди ту бишкаста дидам,
Маро дар назди худ кофар намудӣ.

Диле дорам, саропо худ вафо аст,
Агарчи бо хатоҳо беҷазо ҳаст.
Диле бе кинаву пок аст ай ҷон,
Ки ин бахшидаи Мавлои мо аст.

Худоё, ҷомаи меҳрам дарида,
Агар уймоқ кунам рангаш парида.
Дар ин дунёи пуркулфат, Худоё,
Магар мешад муҳаббатро харид?

Даруни қалби ҳар як тирашаб ман
Ҳазорон дардро бинхуфта дидам.
Бирафтам чун даруни баҳр рӯзе,
Басо пок, гавҳари носуфта дидам.

Аҷаб дунё, саросар шӯру исён аст,
Аҷаб дилҳо саросар пур зи армон аст.
Ҳазорон шукр, аз он ки Ватан дорам,
Самояш бингарам истораборон аст.

Хитоб омад зи гардун бар мани зор,
Зи ҳарфи бад забонатро нигаҳ дор.
Бихоҳӣ некӣ кардан бар раҳи Ҳақ,
Бикун ҳар одами дилмурда бедор.

Китоби умри мо маъно надорад,
Тамоман қимат аст, савдо надорад.
Ҳамин хушбахтиҳои рӯи олам,
Магар робитае бар мо надорад?

Дар фасли баҳор куртаи алвон дорум,
Аз дарди фироқ синаи бирён дорум.
Аз дурии ту дар ин баори зебо,
Чун абраки дай сиришки резон дорум.

Дар сина алоби лахчагӣ монду бирафт,
Ин доға ба ман дар бачагӣ монду бирафт.
Кулвори олам ба дӯши ман бор карда,
Ӯ ғамша ба ман ҳамешагӣ монду бирафт.

Дар дашту биёбони ғамат сарсонам,
Аз дарду аламҳои ту бедармонам.
Пеш аз маргам биё, ки бинем дидор,
Ҳамроҳ набарам то бар лаҳад армонам.

Як одами шод ман надидам имрӯз,
Оҳи ҳама аз сина барояд пурсӯз.
Ҳаргиз нахоҳам, ки бубинам ғами даҳр,
Дил диҳад садо: Чашм бо сӯзан дӯз!

Сафед мӯи ман аз рӯи ту бошад,
Садои умқи дил зикри ту бошад.
Таманное ба дил дорам ҳамеша,
Таманно васли некӯи ту бошад.

Бихоҳам ман каноратро ҳамеша,
Агар ой ба пеши ман чӣ меша?
Гузинӣ ту ҳамеша дидаро ёр,
Зи дурӣ меҳри одам канда меша.

Туӣ истораи бахт дар самоям,
Туӣ бо ҷон баробар бевафоям.
Агар чанде дили ман аз ту сард аст,
Нигаҳбонат ҳамеша бод Худоям.

Нигаҳбони манию сарвари ман,
Ду нури рӯшани чашми сари ман.
Китобе, ки ғамҳоят навиштам,
Чу «Қуръон» муқаддас дар бари ман.

Равам бар боғ кушоям саҳфаи роз,
Шавам бо булбулон он ҷо ҳамовоз.
Ба тасвираш наёбам ман камеро,
Аҷаб зебост сар то пои Дарвоз.

Зи кӯҳсори ту имрӯз лолачинам,
Бихоҳам дарду доғатро набинам.
Назар кардам ба кӯҳҳои бузургат,
Аҷаб зебоӣ мулки нозанинам.

Насибат накҳатомез аст кӯҳистон,
Туро ман дӯст дорам аз дилу ҷон.
Шабе кардам тамошои ҷамолат,
Аҷаб шомат дилангез аст кӯҳистон.

Тамоми шаб нишастам рӯи дафтар,
Ҳама дарда ба ӯ гуфтам саросар.
Ягон аз панди бар ман додаи ӯ,
Наомад лек бар қисмат баробар.

Ба дил дарду азобат бор бошад,
Зи ғамҳо қалби ман абгор бошад.
Ҳама ин мушкилотро дида тақдир,
Бинои ишқ магар подор бошад?

Ниҳоди ман ҳама шӯру шарар аст,
Сиришкам гар чу борони баҳор аст.
Нанолам ман зи дарди ишқ аргиз,
Муҳаббат ддаи Парвардигор аст.

Надонам кори дунё чун бошад,
Яке шоду дигар нолун бошад.
Яке заҳмат кашад то охири умр,
Каси нокас шаҳи майдун боад.

Нигоҳи зан каломи ҳасрати ӯст,
Зи кулфат ӯ надорад ранг дар пӯст.
Аз он ки модар аст баста забонаш,
Аз он ки мор ҳам парвардаи ӯст.

МУНДАРИЧА

`